Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
қарори ҷаласаи ҳайати мушовара

аз "10" октябри соли 2019 № 4/1

н. Шуғнон

Дар бораи вазъи иҷрои марҳилавии рушди иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва нишондодҳои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар ноҳияи Шуғнон, вобаста аз раванди амалишавии Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»

Маҷлиси ҳайати мушовараи Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи болозикри рӯзномаро мавриди муҳокима қарор дода қайд менамояд, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон фаъолияти худро дар асоси Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" ба роҳ мондааст.

Ба ҳолати 1 июли соли 2019 аҳолии ноҳияи Шуғнон 41254 нафарро ташкил дода, аз шумораи умумии аҳолӣ 33063 дар ноҳия зиндагӣ ва фаъолият мекунанд ва 7916 дар муҳоҷират қарор доранд. Аз он 21774 нафар мардон ва 19480 нафар занон мебошанд. Ҳамзамон аҳолии ноҳия нисбат ба соли 2018 ба миқдори 1059 (40195) нафар афзоиш ёфтааст.

Ноҳия аз 7 Ҷамоати деҳот иборат буда, дар ҳудуди он 6010 хонавода зиндагонӣ мекунанд. Шуғли аҳолии ноҳия асосан ба соҳаи кишоварзӣ равона гардидааст.

**Фаъолияти мақомоти намояндагӣ**

Тадбирҳои стратегие, ки дар самти такмили идоракунии маҳаллӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ, ки сатҳи некӯаҳволии мардуми ноҳия таъсири муҳим дорад, таъмини волоияти қонун баҳри амалисозии ҳадафҳои рушди миллӣ мебошад.

Дар раванди татбиқи моддаи 7 -и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" фаъолияти маҷлиси вакилони халқи ноҳия ташкил ва ба роҳ монда шудааст, ки аз 38 нафар вакилон аз ҷумла 9 нафар зан (24%), ҷавонон 4 нафар (10,5%) иборат мебошанд.

Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Шуғнон ваколатҳои худро тибқи моддаи 8 (Ваколати Маҷлиси вакилони халқ) ва 9 (Санадҳои Маҷлиси вакилони халқ)–и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" ба роҳ монда, буҷети ноҳия бо қарори маҷлиси вакилони халқи ноҳия аз 21 декабри 2018 с., №112 қабул гардидааст, ки маблағи умумии 31,9 млн.сомонӣ мебошад.

Ҳамзамон, Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шуғнон барои солҳои 2015-2019 бо қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳия аз 10 декабри соли 2014, №173 қабул гардида, мавриди амал қарор дорад.

Дар давоми солҳои 2015-2018 ва шаш моҳи соли 2019 мувофиқи барнома аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои бунёду барқарорсозии иншоотҳо 108159,4 ҳазор сомонӣ равона шудааст, ки аз он аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ 63874,1 ҳазор сомонӣ (61,4%), буҷети маҳаллӣ 930,6 ҳазор сомонӣ (1,0%), сармояи хориҷӣ 24440,5 ҳазор сомонӣ (23,5%), маблағҳои худии соҳибкорон 18914,2 ҳазор сомонӣ (18,2 %) иҷро гардидааст, ки ин 50,4 фоизи маблағи умумии барномаро ташкил медиҳад.

Дар ин муддат 58 банди лоиҳа чорабиниҳои барнома ба пурра иҷро гардида, дар 35 банди лоиҳа чорабиниҳо корҳо идома дошта, дар 54 банди лоиҳа чорабиниҳо бинобар дарёфт нагардидани маблағ корҳо оғоз нашуданд, ки ташкил ва таъсис дода нашудани гуруҳи мониторинг ва арзёбии Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шуғнон барои солҳои 2015-2019 таъсири манфии худро расонидааст.

Дар асоси моддаи 14 "Таъсис ва фаъолияти коммисияҳои доимӣ ва муваққатӣ" - и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" 5 комиссияҳои доимии вакилони халқи ноҳия фаъолият дошта, дар иҷлосияи маҷлиси вакилони халқ интихоб ва тасдиқ карда шудаанд.

Гарчанде кори комиссияҳои доимӣ тибқи нақшаи корӣ ба роҳ монда шуда бошад ҳам, аммо фаъолияти кории коммисияҳо ба таври дахлдор ба роҳ монда нашудааст. Аз ҷумла, дар самти тасдиқи нақшаҳои кории нимсола, солона, инчунин тартиб додани протоколҳои дахлдор инчунин, дар парвандаҳо оид ба иҷрои бандҳои нақша, ахбороте вуҷуд надорад.

**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар раванди иҷрои моддаи 20 "Ваколати раиси ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия" - и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" иҷрои санадҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд, қарори раиси ноҳия аз 15 феврали соли 2019, №75 оид ба иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2019, №АП-1146 «Дар бораи Нақшаи чорабинӣ оид ба иҷро вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ» зикр гардидаанд, ба тасвиб расида, Нақшаи чорабиниҳо иборат аз 29 банд таҳия гардида, барои иҷро дастраси масъулин гардонида шудааст.

Аз ҷониби сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия Нақша чорабиниҳои мушаххас оид ба вобастакунии он бо амалигардонии лоиҳа чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шуғнон барои солҳои 2015 - 2019 ва роҳҳои амалигардонии вазифаҳои Нақша чорабиниҳои паём ба роҳ монда нашудааст, ки ба таъмини самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон ва татбиқи сиёсати соҳавии мақомотҳои марказӣ андешидани чораҳои иловагӣ ба миён омадааст.

## Пешрафти устувори иқтисодӣ

Омӯзиши рафти иҷрои нишондодҳои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар ноҳияи Шуғнон, вобаста аз раванди амалишавии Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» дар самти “Пешрафти устувори иқтисодӣ” муайян намуданд, ки:

–дар ҳафт моҳи соли 2019 афзоиши нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ дар истеҳсоли маҳсулот 100,9%, соҳаҳои саноат 121,2%, гардиши савдои чакана 175,2% нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта таъмин карда шуда, барои таъмини афзоиши нишондиҳандаи соҳаи кишоварзӣ **(82,2%)**, хизмати пулакӣ **(87,2%)** омӯзиши сабаб ва андешидани чораҳоро тақозо менамояд.

–дар давраи ҳисоботӣ нақшаи андозҳои пешбинишуда (7,2 млн.сомонӣ) 105,9% иҷро гардида, нисбати нақшаи пешбинишуда ба маблағи 0,4 млн.сомонӣ ва нисбат ҳамин даври соли гузашта 0,59 млн.сомонӣ зиёд мебошад;

– таркиби сифатии иҷроиши нақшаи андози иҷтимоӣ 89,3%, андоз аз истифодаи роҳҳои автомобилгард 89,5%, низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ 98,6%, низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандаи мааҳсулоти кишоварзӣ 13,4%, андози замин 50,7% таъмин гардидааст, ки аз ин ҳисоб ба маблағи 1,06 млн.сомонӣ ба буҷет ворид нагардидааст.

– бақияи қарзи андозҳо ба ҳолати 1 январи соли 2019, 231,4 ҳаз.сомониро ташкил намуда, ба ҳолати 01 августи соли 2019 бошад 263,3 ҳаз.сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба ҳолати 01.01.2019 – **31,9 ҳаз. сомонӣ** зиёд гардидааст, ки дар корхонаҳои зерин ҶДММ “Нақлиёти барқсоз” (ширкати сохтмонӣ) ҳамагӣ 250780 сомонӣ, ҶСК “Тоҷиксодиротбонк”-и ноҳия, ҳамагӣ 65501 сомонӣ, қитъаи техникии ноҳияи Шуғнон ҳамагӣ 9885 сомониро ташкил медиҳад.

## Рушди соҳаи соҳибкорӣ

Таҳлили нишондоди паём оид ба “Рушди соҳибкорӣ” дар ҳафт моҳи соли 2019, шумораи соҳибкорон 312 нафар ба қайд гирифта шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 63 нафар зиёд мебошад, ки аз фароҳам овардани шароит барои фаъолияти соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад.

Тамоюли коҳиш ёфтани ҳиссаи соҳибкорон дар қисмати даромади буҷети ноҳия ба назар мерасад, ки сабаби он дар он мебошад, ки даромади асосии буҷети ноҳия аз ҳисоби соҳибкорони соҳаи сохтмонӣ (ҶДММ) ташкил дода, аз сохтмони иншоотҳо вобастагӣ дорад.

Дар ноҳия Ассосиатсияи соҳибкорон ташкил карда шуда, 12 нафар сокинони ноҳия аз курсҳои такмили соҳибкорон дар ноҳияи Хоруғ, инчунин, зиёда 20 нафар сокинони ноҳия дар курсҳои таҳияи бизнес-лоиҳа аз тарафи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ширкат варзида истодаанд.

Шӯрои машваратии назди раиси ноҳия оид ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ таъсис дода шудааст, ки дар соли 2018 маҷлиси машваратӣ барпо гардида, мушкилотҳои соҳибкорон мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Дар давоми ҳафт моҳи соли 2019 ба 194 нафар соҳибкорон барои пешбурди фаъолият 915,2 ҳаз. сомонӣ қарзҳо, нисбати ҳамин давраи соли 2018, 711,4 ҳаз. сомонӣ зиёд буда, дар ноҳия Филиали Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" фаъолият карда истодааст.

Аз сабаби муфлисшавии бонкҳои "Агроинвестбонк" ва "Тоҷиксодиротбонк" филиалҳои номбурда аз фаъолият монда, ташкилотҳои хурди бонкӣ арзи вуҷуд надоранд.

Ҳисоби дастрасии шумораи занон ва ҷавонони соҳибкор ба қарзҳои бонкӣ бурда намешавад, ки барои таъмини нишондиҳандаи паём таъсири манфӣ мерасонад.

Барои ҷалби соҳибкорон ҷиҳати иҷрои 17 адад лоиҳа чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шуғнон барои солҳои 2015-2019 ба маблағи 12,2 млн. сомонӣ, ки бояд аз ҷониби соҳибкорон иҷро мегардид, андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд ва иҷроиши он ҳамагӣ 20%-ро (2,5 млн. сомонӣ) ташкил додаасту халос.

Ҳамзамон, баланд бардоштани дониши соҳибкорон дар таҳияи лоиҳаҳои тиҷоратӣ (бизнесӣ) ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст, ки шумораи таҳияи лоиҳаҳои бизнесӣ хело кам ва дониши номукаммали соҳибкорон оиди таҳияи лоиҳаи тиҷоратӣ ва амалигардонии он ба назар мерасад.

**Рушди соҳаи саноат**

Дар робита ба ҳадафи чоруми миллӣ – эълон гаштани саноатикунонии босуръати кишвар нишондоди паём оид ба "Рушди соҳаи саноат" бо афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва коркарди ашёи хом ва баланд бардоштани ҳиссаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ марҳила ба марҳила дар ноҳияи Шуғнон таъмин гардида истодааст.

Дар ҳафт моҳи соли 2019 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 35,9 млн.сомониро ташкил дода, нисбати ҳамин давраи соли гузашта (29,6 млн.сомонӣ) ба маблағи 6,3 млн.сомонӣ зиёд буда, афзоиши истеҳсол 21%-ро дарбар мегирад, ки аз ҳаҷми умумӣ 19,7% ҳиссаи корхонаю ташкилотҳо ва 78,3% ҳиссаи бахши хусусӣ мебошад.

Бо иқтидори пурра фаъолият накардани Фабрикаи коркарди сангҳои қиматбаҳои ороишии "Лаъл" (аз ҳисоби фарсуда гаштани таҷҳизоти корӣ), Фабрикаи дӯзандагии "Ҳаёти Нав" (аз ҳисоби ба талабот ҷавобгӯ набудани таҷҳизотҳои корӣ) ба назар мерасанд, ки ба рушди саноат таъсири манфӣ мерасонад.

Дар ҳолати иҷро гардидани лоиҳа чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шуғнон барои солҳои 2015 - 2019, мушкилотҳои корхонаҳои дар болозикр ҳалли худро ёфта, ба рушди саноаткунонии ноҳия таъсири мусбӣ мерасонанд.

## Рушди соҳаи энергетика

Дар самти андешидани тадбирҳо ҷиҳати таъмини нишондоди паём оид ба “Таъмини истиқлолияти энергетикии мамлакат” шумораи муштариён 7357 нафарро ташкил дода, 100% бо ҳисобкунакҳои электронӣ таъмин буда, талафоти қувваи барқ дар ҳафт моҳи соли ҷорӣ 10,4%-ро ташкид дода, нисбати ҳамин давраи соли гузашта –0,89% кам гардидааст, ки нишондиҳандаи пешбинӣ намудаи Стратегияи миллии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 то ба 10% расонидани талафоти барқ ҳалли худро ёфта истодааст.

Ҳамзамон, дар ҳафт моҳи соли ҷорӣ қарзи истифодаи қувваи барқ 821,9 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 165,8 ҳазор.сомонӣ (дар 01.08.2018 қарз 656,1 млн.сомонӣ буд) зиёд гардида, аз маблағи умумии қарзи маблағи истифодаи қувваи барқи зиёдгардида нисбати 01.01.2019 с., (776,9 ҳаз.сомонӣ) 39,6%-и он ба ташкилоту муассисаҳои аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешуда ва 60,4% - и он ба аҳолӣ рост меояд.

## Рушди инфрасохтори нақлиётӣ

Нишондоди паём дар самти баромадан “Аз бумбасти коммуникатсионӣ ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон” бо таъмири роҳҳои дохилиноҳиявӣ ва маҳаллаҳо, аз ҷумла дар доираи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шуғнон ва саҳми соҳибкорон дар сатҳи муайян таъмин гардида, дар мувозинати ду “Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард” 370,7 км роҳҳои автомобилгард қарор дошта, аз он 101,8 км роҳҳои аҳамияти маҳаллӣ, 4,6 км роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва 264,2 км роҳҳо аҳамияти байналмилалӣ ва 47 адад купрукҳоро ташкил медиҳад.

Ба муассисаҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон 62 ҳазор сомонӣ ва аз Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон 483366 сомонӣ маблағ барои таъмир ва нигоҳдории роҳҳои маҳаллӣ ҷудо карда шудааст, ки масофаи таъмири роҳҳои маҳаллӣ 44 км-ро ташкил додааст, ки аз масофаи умумии роҳҳои таъмирталаби маҳаллӣ 43,3% мебошад.

Дар ин муддат ҷалби соҳибкорони ноҳияи Шуғнон барои таъмири роҳҳои маҳаллии ноҳия ба роҳ нашуда, таъмини афзалиятҳои СМР – 2030 боби 5 “Сифати рушди иқтисодӣ ва самаранокии бахши воқеии иқтисодӣ” зербоби 5.4 “Фазои сармоягузорӣ” – истифодаи механизми ҳамкориҳои давлатӣ бо бахши хусусӣ дар соҳаи барқарорсозии роҳҳои автомобилгард дар самти рушди инфрасохтори нақлиётӣ ба роҳ монда нашудааст.

## Ҳифзи амнияти озуқаворӣ

Дар самти таъмини нишондоди паём оид ба “Ҳифзи амнияти озуқаворӣ” дар ноҳияи Шуғнон 6652 адад хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ фаъолият доранд, ки дар онҳо 1585 гектар заминҳои корам вобаста буда, аҳолӣ майдони 406 гектар замини назди ҳавлигӣ, заминҳои ёрирасони шахсӣ 31 гектар ва заминҳои хоҷагии 7 гектарро ташкил медиҳад.

Дар ҳафт моҳи соли 2019 ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ (24101 ҳазор сомонӣ), ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (29628 ҳазор сомонӣ) **82,3%** (5527 ҳазор. сомонӣ) ташкил додааст, ки аз ҳисоби соҳаи растанипарварӣ 48,5% ва соҳаи чорводорӣ 83,3% ба амал омадааст, яъне суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таъмин нагардида, ба ҳифзи амнияти озуқаворӣ таъсири манфӣ расонидааст.

Ба ҳолати 1-уми августи соли 2019 дар ноҳияи Шуғнон ҳамагӣ 27 гектар заминҳои корамӣ обии аз гардиши кишоварзӣ берун монда аз ҷумла дар мавзеи Боғевдара 19 гектар ва Шорвдара 8 гектар, Ҷамоати деҳоти Сучон мавҷуд мебошанд, ки ҷиҳати дарёфт нагардидани сарчашмаи маблағгузорӣ ба гардиши кишоварзӣ ворид карда нашудааст.

Масоҳати гармхонаҳои доимамалкунанда дар ноҳия 0,03 гектарро ташкил дода, нисбати ҳамин давраи соли гузашта бетағйир боқӣ монда, барои васеъ намудани он чораҳои зарурӣ бояд андешида шавад.

Ҳарчанд дар ноҳия хоҷагии тухмипарварии картошка "Дерҷинский" фаъолият намуда истода бошад, ҳам то ҳол ба хоҷагидорон аз ҳисоби таъмини тухмӣ шароит фароҳам оварда нашуда, мутахассисони варзидаи соҳаи тухмипарварӣ дар хоҷагӣ намерасанд, базаи моддию техникии ин хоҷагӣ ба талабот ҷавобгӯ нест ва замини хоҷагӣ ба саҳмдорон тақсим карда шудааст.

Дар соли 2018 фоизи таъминоти меъёри физиологии истеъмоли озуқа ба 1 нафар аҳолӣ орд 2,2%, (3,2 кг – истеҳсол 131 тонна), тухм 6,3% (11,3 дона – истеҳсол 465 ҳазор дода), сабзавот 31,6% (52,4 кг – истеҳсол 2165 тонна), асал 11,4% (0,36 кг – истеҳсол 15 тонна), мева 70,8% (87,9 кг – истеҳсол 3627 тонна), шир 86,1% (99,3 кг – истеҳсол 4096 тонна), гӯшт 89,4% (36,5 кг – истеҳсол 1505 тонна), картошка 136,9% (126,0 кг – истеҳсол 5196 тонна) рост омада, имконияти коркард ва содироти мева, шир, гӯшт ва картошка мавҷуд мебошад.

## Вусъати шуғли пурмаҳсул

Дар самти андешидани тадбирҳои ҷиҳати амалигардонии нишондоди паём оид ба "Вусъати шуғли пурмаҳсул" дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи Шуғнон 973 адад ҷойҳои кории нав ташкил дода шудааст, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 156 адад ҷой зиёд мебошад.

Барои эҳё ва густариши намудани ҳунарҳои мардумӣ, тарғибу ташвиқи либоси миллӣ, рушду инкишоф додани он дар миёни мардум, дар ҷамоатҳои деҳоти Навобод, Поршинев, Ғарибшо Шаҳбозов сехҳои дузандагӣ, ҷуроббофӣ, палосбофӣ, мӯҳрабофӣ ташкил гардида, ҷавондухтарон ба онҳо ҷалб карда шуданд.

Дар ҳафт моҳи ҷорӣ 4 маротиба ярмаркаҳои ҷойҳои холии корӣ гузаронида шудааст, ки дар натиҷа 3 нафар дар шуъбаи маорифи ноҳия бо кори доимӣ таъмин гардида, 37 нафар ба корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар шуданд, ки барои бо ҷойи кори таъмин гардидани бекорон дар ташкилотҳо ва корхонаҳои хурд андешидани чораҳоро талаб менамояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар гузаронидани ин чорабиниҳо алоҳида камбудиҳо низ ҷой доранд. Ба шуъбаи Агентӣ дар ин давра бағайри аз шӯъбаи маорифи ноҳия аз тарафи дигар идораву муассисаҳо оиди мавҷуд будани ҷойҳои кории холӣ маълумотҳо пешниҳод нагардидаанд. Ин боиси дар сатҳи паст гузарондани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ гардида, ба нобоварии корҷӯён нисбати мақомоти шуғли аҳолӣ оварда мерасонад.

Шумораи бекорони расман ба қайд гирифташуда дар давраи ҳисоботӣ 480 нафарро ташкил дода, нисбати ҳамин давраи соли гузашта +123 нафар зиёд гардидааст, ки дараҷаи сусти таъмини бекорон бо ҷойи кориро инъикос менамояд.

Дар соли 2018 рӯйхати 8- хоҷагӣ (1- хоҷагӣ Ҷамоати деҳоти Ванқалъа, 2 - хоҷагӣ Ҷамоати деҳоти Вер. 1- хоҷагии Ҷамоати деҳоти Навобод, 2 - хоҷагӣ Ҷамоати деҳоти Сучон, 1 - хоҷагӣ Ҷамоати деҳоти Ғ. Шаҳбозов, ва 1 - хоҷагӣ Ҷамоати деҳоти Поршинев) ба ҷойҳои бехавф кӯчонидашаванда, тибқи Фармоиши раиси комиссияи ҳолатҳои фавқулодда аз 14.03. 2018 сол, №31/1 – 3, тасдиқ гардида, тавассути филиали «Амонатбонк»-и ноҳия маблағгузорӣ гардиданд.

Ташхиси геологии 3 адад хоҷагии муҳоҷирони экологие, ки дар соли 2019 кӯчонида мешаванд, дар якҷояигии шуъбаи Хадамоти муҳоҷират дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, корманди намояндагии Саридораи геологияи Ҷумҳурииии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон гузаронида шуд, аммо то ҳоло ҳам хулоса унвониии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон пешниҳод нагардидааст.

Тамоюли манфии муҳоҷирони меҳнатӣ ба назар расида, ба ҳолати 01.08.2019 сол, шумораи онҳо 7916 нафарро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 619 нафар зиёд гардидааст, ки омӯзиши сабабҳои он, барои ташкили ҷойҳои кории нав ва рушди иқтисодии ноҳия чораҳои зарурӣ андешида шавад.

**Рушди сайёҳӣ**

Нишондоди паём оид ба "Рушди сайёҳӣ" бо таъсис ва ташкили фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ, ҷалби сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ ва бунёди инфрасохтори сайёҳӣ дар ноҳия таъмин гардида истода, қарори Раиси ноҳия аз 23 апрели соли 2019, №213 бо мақсади иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2019, №АП-1176 Нақша чорабиниҳо бахшида ба "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон намудани солҳои 2019-2021" ба тасвиб расида, Нақшаи чорабиниҳо таҳия гардида, гуруҳи корӣ ташкил карда шудааст.

Дар ҳудуди ноҳияи Шуғнон корхонаҳои ғайрибуҷетие, ки ба фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ машғуланд 4 адад дар қайди нозироти андоз буда, ба ғайр аз ширкати сайёҳии ҶДММ "Помир-трекинг", ширкатҳои ҶДММ "Помир-кухи–тур", ҶДММ "Помир-осон–тур", ҶДММ "Эко-сафари-Помир" фаъолият надоранд.

Дар ҳафт моҳи соли 2019 ба ҳудуди ноҳияи Шуғнон 3429 сайёҳон ташриф оварданд.

Бунёди инфрасохтори сайёҳӣ бо сохта ба истифода додани осорхонаи «Чашмаи Носири Хусрав» дар деҳаи Миденшори Ҷамоати деҳоти Поршинев, , ҳамасола аз таъмир баровардани ёдгории таърихии

Имом Муҳаммади Боқир дар Ҷамоати деҳоти Ванқалъа ба роҳ монда шуда, чашмаҳои шифобахши Ҷелондеҳ яке аз ёдгориҳои беназири таърихӣ дар минтақа маҳсуб меёбанд.

Набудани интернет (меҳмонхона, осоишгоҳ, тарабхона, қаҳвахона), норасоии роҳбаладҳо дар соҳаи сайёҳӣ, набудани ширкатҳои хизматрасонии нақлиётӣ ва низоми волонтёрӣ дар самти сайёҳӣ, набудани мавзеъҳои дамгирии сайёҳон ҳамчун омили боздорандаи соҳаи сайёҳӣ мавҷуд мебошад.

**Рушди соҳаи маориф**

Дар самти таъмини нишондоди паём оид ба «Рушди сармояи инсонӣ» бинои собиқ интернати назди МТМУ №12 як синфхона ва як утоқи корӣ аз таъмир бароварда шуда, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 моҳи июни соли ҷорӣ бо дастгирии Хазинаи Тоҷикистонии Оғохон ва ФДҶТИБК бо кабинетҳои физика, химия, синфҳои ибтидоӣ, биология ва математика таъмин гардида, базаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия зина ба зина мустаҳкам шуда истодааст, бо қарори раиси ноҳия муассисаҳои таълимии №5, 7, 17, 36, 40, 42, 51, 52 барои сохтмон ва муассисаҳои таълимии №6, 13, 18, 19, 26, 27, 31, 32, 46 барои таъмир ба шахсони эҳсонкор вобаст карда шудаанд.

Мавҷудияти 16 адад муассисаҳои таълимии ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти ноҳия дар ҳолати садамавӣ, талабот ба омӯзгорон дар ноҳия 18 нафарро ташкил дода, асосан норасоӣ омӯзгорон аз фанҳои технологияҳои меҳнат, суруд ва мусиқӣ дида шуда, бо сабабҳои номаълум дар давоми ду соли охир бархурдор набудани омӯзгорони ҷавон аз қарзҳои имтизнок ва норасоӣ 5500 дона китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таълимии ноҳия ҳамчун омили боздорандаи рушди маориф ба назар расида, барои таъмини нишондоди паём таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳамзамон, яке аз мушкилотҳои соҳаи маорифи ноҳия, ин дарёфти сарчашмаҳои дигари маблағгузорӣ барои муассисаҳои таълимии деҳаҳои дурдасти ноҳия, ки хонандагон кам буд, хатари бандшавӣ мебошанд, ки иҷрои ваколати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки дар моддаи 35-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” муайян карда шудааст, барои ҳалли он мусоидат менамояд.

Дар давоми солҳои 2015 - 2019 фоизи фарогии кӯдакон бо таҳсилоти томактабӣ аз 20,9%-и соли 2015, дар ҳафт моҳи соли 2019 ба 27,8% расидааст, ки дар ҳолати иҷрои Нақша чорабиниҳои ҷашнгирии 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳа чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шуғнон то ба 30% расонидани фарогирии кӯдакон дар муассисаҳои таълимии томактабӣ заминаи мусоид гузошта мешавад.

**Рушди соҳаи тандурустӣ**

Нишондоди паём оид ба таъмини “Рушди соҳаи тандурустӣ” бо бунёди иншоотҳои тандурустӣ, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ ва пешгирӣ намудани касалиҳои сироятӣ таъмин гардида истода, дар ноҳия ҷиҳати беҳдошти вазъи саломатии ноҳиявандон беморхонаи марказии ноҳиявӣ 85 кати хоб ва минтақавӣ 105 кати хоб, маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ 1 адад, бунгоҳи

тиббӣ 36 адад, дорухона 7 адад ва 37 нафар табибони ҳамаи ихтисосҳо, 229 нафар кормандони миёнаи тиббӣ ба аҳолии ноҳия ва берун аз он хизмати тиббӣ мерасонанд.

Заминаи моддӣ-техникии соҳаи тандурустии ноҳия хеле суст буда, аксарияти таҷҳизот фарсуда гардида, бо назардошти рушди технологияи тиббӣ ҳозиразамон, бахусус дар бахши ташхис, беҳбудии ҷиддиро талаб намуда, бунгоҳҳои тиббии деҳаи Гоҷак Ҷамоати деҳоти Ғарибшо Шаҳбозов, деҳаи Чошкандези Ҷамоати деҳоти Мирзоҷон Ширинҷонов дар ҳолати садамавӣ қарор доранд.

Дар ноҳия нарасидани шумораи 9 нафар духтурони касалиҳои дарунӣ, гӯшу гулӯ ва бини, дандон, саратоншинос, духтури касалиҳои руҳи, духтури шикасту банд, касалиҳои чашм ба назар расида, барои расонидани хизматрасонии тиббии сифатнок таъсири манфӣ мерасонад.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи беморони касалии сил дар ноҳияҳои Шуғнон 21 нафар нафарро ташкил дода, нисбати ҳамин давраи соли гузашта 14 нафар кам гаштааст, ки тамоюли кам шудани ин беморӣ сол ба сол ба назар мерасад.

Ба ҳолати 01.08.2019 сол гирифтор касалии ВНМО дар ноҳия 123 нафар буда, нисбати ҳамин давраи соли гузаша 8 нафар (буд соли 2018, 115 нафар) зиёд гардидааст, ки пешбинӣ намудани тадбирҳои иловагӣ зарур буда, шумораи фавтидагон аз касалии ВНМО 50 нафарро ташкил додааст.

**Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ**

Дар самти нишондоди паём оид ба «Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ» ҷиҳати ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, ғамхорӣ дар ҳаққи гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ аз фонди эҳтиётии раиси ноҳия дар нимсолаи соли 2019 ба 40 нафар табақаҳои ниёзманди аҳолии ноҳия ба маблағи 15600 сомонӣ кӯмаки яквақтаина расонида шуда, тариқи Барномаи кумаки унвони иҷтимоӣ дар нимсолаи аввали соли 2019 ба 769 оилаи камбизоат ба маблағи 186800 сомони кумакпулии унвони иҷтимоӣ пардохт гардидааст.

Дар ин давра ба 40 нафар маъюбон роҳхатҳо, ба 2 нафар таҷҳизоти ҳаракаткунанда, ба 4 нафар асобағал, ба 18 нафар асо, ба 8 нафар такягоҳ ва ба 4 нафар асои нобино дастрас гардиданд.

Иҷрои лоиҳа чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шуғнон барои солҳои 2015-2019 дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар сатҳи паст қарор дошта, маблағи 5,1 млн. сомониро ташкил дода, то имрӯз иҷроиши он 27%-ро ташкил медиҳад. Аз 6 лоиҳаи чорабинии барнома 1 адад ба маблағи 1,01 млн. сомонӣ ба пуррагӣ иҷро, 3 адад лоиҳа қисман иҷро, 2 адад лоиҳа ноиҷро боқӣ мондааст.

Ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2019, №117 “Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2019 - 2020” дар муассисаҳои иҷтимоии ноҳия нисбати нақша захираи ангиштсанг 42,7% ва захираи ҳезум 5,6%-ро ташкил медиҳад, ки то мавсими зимистонгузаронӣ бояд чораҳои зарурӣ андешида шавад.

## Дастрасии аҳолӣ ба оби тоза

Барои таъмини нишондоди паём оид ба "Дастрасии аҳолӣ ба оби тоза" бо дастгирии Барномаи ҷонибдории инкишофи иҷтимоии Хазинаи Оғохон сохтмони хатҳои оби нушокии деҳаҳои Патхури Ҷ/д Ванқалъа, Вуҷ Ҷ/д Вер, Ғорҷвини Ҷ/д Навобод, Бунии Ҷ/д М.Ширинҷонов ва мавзеи Дашти Ғарибшо Шаҳбозов ноҳияи Шуғнон оғоз гардида, дар нимсолаи аввали соли 2019 мавриди истифода қарор дода шудааст.

Ҳамзамон, корҳои сохтмонии хатҳои оби нушокии мавзеи Дашти Ҷамоати деҳоти Ғарибшо Шаҳбозов ва деҳаи Ғорҷвини Ҷамоати деҳоти Навобод корҳои сохтмони ба анҷом расонида шуда, ба ҳолати 1 августи соли 2019 таъминоти миёнаи аҳолии ноҳия ба оби тозаи нӯшоки 78,8 фоиз мебошад.

Айни замон Ҷамоати деҳоти Ванқалъа бо оби нӯшокӣ 32% таъмин шуда, аз тарафи ташкилотҳои байналмилалӣ сохтмони хатти оби нӯшокӣ идома дошта, марҳила ба маҳила таъмин карда мешаванд.

## Рушди варзиш ва ҷавонон

Дар самти таъмини нишондоди паём оид ба "Рушди варзиш ва ҷавонон" дар ҳудуди ноҳияи Шуғнон 1 варзишгоҳ, 10 толори варзишӣ, 48 майдончаҳои варзишӣ дар истифодаи умум мебошанд.

Дар давоми ҳафт моҳи соли 2019 варзишгарони ноҳия дар мусобиқаи ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, 52 медал аз онҳо 19 медали тилло, 15 медали нуқра ва 18 медали биринҷӣ ба даст овარданд, ки дар сатҳи муайян рушди варзишро инъикос менамояд.

Ба талаботи ҳозира ҷавобгӯ набудани иншооти варзишии ноҳия ва дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия норасогии толорҳои варзишӣ, майдончаҳои хурди варзишӣ ва футболбозӣ ва барои ҳалли ин масъала ҷалб нагардидани соҳибкорони маҳаллӣ барои таъмини нишондоди рушди варзиш ва ҷавонон таъсири манфӣ мерасонад.

## Волоияти қонунҳои амалкунанда

### Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим", "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ва "Дар бораи мурожиатҳои шаҳрвандони воқеӣ ва ҳуқуқӣ"

Нишондоди паём оид ба таъмини волоияти қонунҳои амалкунанда "Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим" ва "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"" бо таъсис ва фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ, кам намудани маблағи хароҷот дар як маърака дар сатҳи муайян таъмин гардида истода, дар ноҳияи Шуғнон 8 Комиссияи доимӣ ва 108 комиссияҳои ҷамъиятӣ фаъолият намуда, дар ҳафт моҳи соли ҷорӣ аз тарафи бахш оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии ноҳия, дар маҷмӯъ 83 маърака ба қайд гирифта шуд, ки аз он 62 тӯйи арӯсию домодӣ мебошад, ки хароҷоти як маърака 22451 сомонӣ рост меояд, ташкил медиҳад.

Бо қарори раиси ноҳия аз 27 декабри соли 2011, №870 комиссияи доимии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон оид ба риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи

масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” таъсис ва тасдиқ карда шуда, дар нимсолаи аввали соли 2019 - 90 адад мулоқоту вохӯриҳо баргузор карда шуда, гурӯҳи ташвиқотӣ - тарғиботӣ таҳти унвони «Хирад» таъсис ёфтааст, ки ҷамоатҳои деҳоти ноҳия мунтазам вохӯриҳоро доир менамоянд.

Дар давоми соли ҷорӣ дар ҳудуди ноҳия аз тарафи ноболиғон ягон ҷиноят ба қайд гирифта нашудааст. Инчунин аз тарафи Гурӯҳи пешгирии хадамоти ноболиғону ҷавононии Шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳия буда 40 адад протоколҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ тибқи моддаи 90 тартиб дода шуда дар суди ноҳия баррасӣ гардидаанд.

Дар раванди иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандони воқеӣ ва ҳуқуқӣ” дар ҳафт моҳи соли 2019 ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия 717 адад (712 адади соли 2018) муроҷиат ворид гардида, аз натиҷаи баррасии онҳо 257 адад қонеъ карда шуда, ба 299 адад муроҷиаткунанда талаботи қонун фаҳмонида дода шуда, 153 адад бо сабабҳои набудани имкониятҳои мавҷуда қонеъ нагардида ва 8 адади дигари онҳо дар назорат мебошанд.

Риоя нагардидани талаботи моддаи 10-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандони воқеӣ ва ҳуқуқӣ” ва банди 4-и Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2017, №276 тасдиқ шудааст, дар бахши кишоварзии ноҳия ва шуъбаи муҳити зист ба назар мерасад.

Талаботи моддаи 21 қонуни мазкур оид ба муроҷиатҳои хаттие, ки аз тарафи муроҷиаткунандагон бе имзо пешниҳод шудаанд, мавриди баррасӣ қарор намегиранд, аз ҷониби бахши умумӣ, назорат ва муроҷиати шаҳрвандони дастгоҳи раиси ноҳия ва Кумитаи идораи замин дағалона вайрон карда шудааст.

**Таъмини ҳолати хуби экологӣ**

Дар самти таъмини нишондоди паём оид ба «Таъмини ҳолати хуби экологӣ» дар ҳудуди ноҳияи Шуғнон мувофиқи қарори раиси ноҳия нуқтаҳои партовҳои маишӣ дар ҷамоатҳои деҳоти Мирзоҷон Ширинҷонов ва Ғарибшо Шаҳбозов ҷудо гардиа, ба роҳ монда шуда, дар маркази ноҳия 26 адад қутиҳои партовҷамъкунӣ гузошта шудааст.

Камбудии асосӣ ин мавҷуд набудани шабакаҳои ташноби марказонидашуда мебошад. Дар маркази ноҳия шабакаи коррезӣ вуҷуд надорад. Ҳамаи ин, бахусус набудани хати коррез дар нуқтаҳои аҳолинишин, метавонад на танҳо боиси ифлосшавии обҳои рӯизаминӣ, балки зеризаминӣ низ шавад.

Аз тарафи “Хоҷагии манзилию коммуналӣ”-и ноҳия 7 нуқтаи қабули лампаҳои аз истифодабаромада дар ҷамоатҳои ноҳия ташкил карда шуда, дар маҷмуъ 682 дона ҷамъоварӣ карда шудаанд, ки ба роҳ мондани коркарди онҳо ҳамчун масъалаи ҳалталаб боқӣ мондааст.

Ҷамоатҳо дорои мавзеъҳое мебошанд, ки барои зиндагӣ ва фаъолияти хоҷагӣ хавфнок маҳсуб меёбанд. Дар ноҳия, 26 хонавода (0,4%), ва 51 деҳа (80,9%) дучори ҷараёнҳои геологии таҳдидкунанда

мебошанд. Шумораи бештари аҳолӣ дар мавзеи хавфнок дар ҷамоатҳои Сучон (14 деҳа) ва Поршинев (9 деҳа) зиндагӣ мекунанд, ки ба нишондоди паём оид ба таъмини ҳолати хуби экологӣ таъсири манфӣ мерасонад.

**Баробарии гендерӣ**

Барои таъмини нишондоди паём оид ба «Баробарии гендерӣ» андешидани чорҳои иловагӣ барои тавқият бахшидан ба фаъолияти ҳамоҳангсозӣ ба миён омадааст, ки дар ҳафт моҳи соли 2019 шумораи занони дар ҳайати роҳбарикунанда (9 нафар дар 01.08.2019 сол) дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бе тағйир буда, дар ҳайати роҳбарикунанда дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (61 нафар дар 01.08.2019 сол) 1 нафар кам гардидааст.

**Таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ**

Дар самти таъмини моддаи 20-и Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” “Ваколати раиси ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия” барои таҳкими тартиби ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ чораҳои зарурӣ меандешад, дар нимсолаи аввали соли 2019 дар ҳудуди ноҳияи Шуғнон дар ҳамаи самтҳо 23 адад (16 адади соли 2018) ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки ба ҳамин давраи соли гузашта 7 адад зиёд мебошад, ки пурзӯр намудани фаъолиятро дар ин самт тақозо менамояд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи кормандони зершуъбаи муҳофизати тартиботи ҷамъияти 1810 (соли 2018 - 1254) адад ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ошкор карда шуда, нисбати ҳамин давраи соли гузашта 556 адад зиёд мебошад.

Дар раванди иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ” нақшаи баҳории соли 2019 теъдоди 36 нафарро дар бар гирифта, иҷрои он 36 нафар ё худ 100 фоиз даъватшавандагон ба сафҳои қувваҳои муссалаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарбар карда шудаанд, ки саҳми ҷамоати деҳоти Поршинев қобили қайд мебошад.

**Васеъ намудани вазифаҳои мақомоти маҳаллии идоракунии давлатӣ**

Дар раванди васеъ намудани вазифаҳои мақомоти маҳаллии идоракунии давлатӣ, ҷалб намудани аҳли ҷомеа ба ҳалли проблемаҳои муҳими иҷтимоӣ, тақсимоти дақиқи вазифаҳо татбиқи моддаи 6-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» нақши муҳим дорад.

Дар раванди татбиқи моддаи қонуни мазкур аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон дар сатҳи муайян 32598 сомонӣ кӯмаки молиявӣ расонида шудааст.

Соли 2018 дар ҳудуди ноҳияи Шуғнон ду адад бинои маъмурии ҷамоатҳои деҳоти Ғарибшо Шаҳбозов ва Сучон сохта шуда, бо таҷҳизотҳои ҳозиразамон мавриди истифода қарор дода шуданд.

Барои мавриди иҷро қарор додани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2015, №587 «Дар бораи Тартиби вогузор намудани функсияҳои мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо ва бастани шартномаи маъмурӣ» қарори раиси Шуғнон аз 23 ноябри соли 2015, №539 ба тавсиб расида дастраси ҷамоатҳои деҳот ва идораҳои дахлдор гардидааст.

Аз тарафи бахши сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳияи Шуғнон аз суратҳисоби махсуси хизматрасонии иловагии музднок ба ҷамоатҳо то ҳоло ягон маблағ ҷудо нашудааст, ки барои мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии Ҷамоатҳо мавриди истифода қарор дода нашудааст.

Бо назардошти таҳлили гузаронидашуда барои самаранок амалӣ намудани Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" ва таъсири он дар таъмини пешрафти иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии ноҳияи Шуғнон ҷаласаи сайёри ҳайати мушовараи Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **ҚАРОР МЕКУНАД**:

1. Натиҷаи таҳлили вазъи иҷрои марҳилавии рушди иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва нишондодҳои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар ноҳияи Шуғнон, вобаста аз раванди амалишавии Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» дар ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кухистони Бадахшон бо воситаи аёнӣ аз ҷониби Раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қосим Роҳбар ба инобат гирифта шавад.

2. Раёсати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ (Мирзозода Ҷ.М.), Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорат (Саидғуфрон Абдулло) дар асоси натиҷаи рафти иҷрои ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон дар раванди татбиқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" ва қонунҳои соҳавӣ, ки дар онҳо ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ гардидааст, барои баланд бардоштани иҷрои ваколатҳои онҳо пешниҳодҳоро оид ба такмили идоракунии маҳаллӣ омода созанд.

3. Раёсатҳои банақшагирӣ ва арзёбии барномаҳои рушди маҳал (Салоҳиддинов С.А.), ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии идоракунии маҳаллӣ (Мирзозода Ҷ.М.) натиҷаи татбиқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» дар ноҳияи Шуғнон оид ба иҷрои бандҳои Нақша чорабниҳои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.01.2019 с., №АП-1046 оид ба вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 с., "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ" зикр гардидаанд, барои иҷрои Нақша – чорабиниҳои Кумита тибқи фармоиши Раиси Кумита аз 15.01.2019 с., №6 мавриди истифода қарор диҳанд.

4. Раёсатҳои банақшагирӣ ва арзёбии барномаҳои рушди маҳал (Салоҳиддинов С.А.), ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ (Мирзозода Ҷ.М.) ҳамкориҳоро бо намояндагони вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ, нақлиёт, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон ва ноҳияи Шуғнон ҷиҳати ҷорӣ намудани банақшагирии стратегӣ, татбиқи сиёсати соҳавии мақомоти марказӣ ва таъмини нишондиҳандаҳои нақшавии "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шуғнон барои солҳои 2015 - 2019", таҳияи Барномаи нави рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шуғнон дар асоси ҳадаф ва афзалиятҳои СМР-2030, БМРҶТ 2016 – 2020, ҷиҳати пешрафти иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолии ноҳия ба роҳ монда, аз рафти иҷрои он ба роҳбарияти Кумита мунтазам ахборот пешниҳод намоянд.

5. Раёсатҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ (Мирзозода Ҷ.М.) дар ҳамбастагӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия Шуғнон дар асоси омӯзиш ва таҳлили гузаронидашуда, барои таҳияи нақшаи чорабиниҳои мушаххас ҷиҳати ислоҳи камбудиҳои муайянгардида, дар давоми як моҳ мусоидат намуда, аз рафти ислоҳи онҳо мунтазам ба роҳбарияти Кумита маълумот пешниҳод намоянд.

6. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси Кумита Қурбонзода Бег Хол гузошта шавад.

Раиси ҷаласаи ҳайати мушовара
Раиси Кумита — Қосим Роҳбар